# СОЗИШНОМАИ СОҲАВИИ

## нақлиёти роҳи оҳан байни Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022

**ДУШАНБЕ - 2020**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Созишномаи соҳавии нақлиёти роҳи оҳан (минбаъд - Созишнома) байни Корфармо аз номи Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон (минбаъд Тарафҳо) аз ҷониби кормандон баста шудааст.

**Мақсадҳои Созишномаи мазкур:**
- таъмини суботи иҷтимоӣ, таҳкими интизоми меҳнат ва истеҳсолот дар ташкилотҳо, ба даст овардани муваффақияти истеҳсолоти истеҳсолӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ ва рақобатпазирии ташкилотҳо бо мутобиқати манфиатҳои Кормандон ва Корфармоён;
- муқаррар намудани ҳадди ақали кафолатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмин намудани онҳо ба Кормандони корхонаю муассисаҳо;
- рушди шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи роҳи оҳан дар маҷмӯъ ва дар корхонаю муассисаҳо.

1.2. Корфармоён, кормандон ва намояндагони онҳо уҳдадор мешаванд муносибатҳои худро бо якдигар дар асоси принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ, ки қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, инчунин аз меъёрҳои муқаррароти Созишномаи мазкур, аз он ҷумла принсипҳои:
- баробарӣ;
- эҳтиром ва баррасии манфиатҳои тарафҳо;
- ҳавасманд ва иштирок дар муносибатҳои шартномавӣ;
- риояи ҷонибҳо ва намояндагони онҳо оид ба қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои меъёрҳои қонуни меҳнат;
- назорати иҷроиши Созишномаи мазкур ба роҳ монанд.

## 2. Мавриди баста шудани Созишнома тарафҳо ба чунин қарор омаданд:

2.1. Эътирофи зарурати объективии идомаи ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули самти иҷтимоии он ва тақвияти ҳимояи иҷтимоӣ - иқтисодии кормандони соҳа.

2.2. Эътимод ба он, ки ташкилотҳои иттифоқи касаба дар ҳамдастӣ бо корфармоён тадбирҳои зарурииро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ҳимояи иҷтимоии кормандон тибқи талаботи ҳамин Созишнома амалӣ менамоянд.

2.3. Созишнома дар заминаи муқаррароти тарафайн ва асноди меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2.4. Созишнома аз вақти ба имзо расидан мавриди амал қарор дода, то қабул намудани Созишномаи нав амал мекунад ва аъзои иттифоқи касаба ва кормандони муассисаҳо, корхонаву ташкилотҳои соҳаро фаро мегирад.

2.5. Тарафҳо - имзокунандагони Созишнома метавонанд дар давраи амали он тағйироту иловаҳо ва таклифҳо пешниҳод намоянд. Таклифу иловаҳо танҳо бо ризоияти расман эътирофгардидаи Тарафҳо қабул карда мешаванд.

2.6. Тарафҳо ҷиҳати паҳн гардидани талаботи Созишномаи мазкур дар байни кормандони дигар муассисаҳои шакли моликияташон гуногун

мамоният намекунанд.

2.7. Созишномаи мазкур барои истифодабарӣ дар мавриди қабул намудани шартномаҳои коллективӣ ва шартномаҳои фардии меҳнатии ҳамаи корхона ва муассисаҳои наклиёти роҳи оҳан ба Созишнома мансуббуда ҳатмӣ мебошад.

2.8. Тарафҳо наметавонанд дар муҳлати муқарраргардидаи амали Созишнома иҷрои уҳдадориҳои қабулшударо яктарафа қатъ намоянд.

## 2. УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

3.1. Мавриди таҳия ва бастани шартномаҳои коллективӣ кафолатҳои иҷтимоии тибқи Созишнома муқарраргардида барои кормандон ва оилаҳои онҳо аз ҷониби Тарафҳо ҳамчун кафолатҳои ҳадди ақал ҳисобида мешаванд.

3.2. Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» бо дархости Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон намояндагони онро барои иштирок дар кори Шӯрои техникӣ-иқтисодӣ барои таҳлили вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дурнамои рушди соҳа даъват менамояд.

3.3. Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» барои фаъолияти Кумитаи иттифоқи касаба утоқҳои корӣ, алоқа ва воситаҳои техникӣ ҷудо менамояд.

3.4. Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиҳанчиёни Тоҷикистон масъалаҳои моҳиятан масъулиятнокро дар маҷлисҳои якҷояи Шӯрои техникӣ-иқтисодии роҳ ва Президиуми Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон баррасӣ менамоянд.

**4. Корфармо уҳдадор аст:**

4.1. Оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ, ҳуқуқҳои манзилӣ ва дигар манфиатҳои кормандон ҷиҳати расонидани кӯмакҳои иҷтимоӣ мутобиқи маслиҳати мақомоти интихобии иттифоқи касаба (Кумитаи иттифоқи касаба) қарор қабул намоянд.

4.2. Мутобиқи дархости мақомоти интихобии иттифоқи касаба (Кумитаи иттифоқи касаба) оид ба масъалаҳои пешрафти истеҳсолӣ, пардохти маош, рухсатиҳо, озод кардани кормандон ва таъмин бо ҷои кор, бастани шартномаҳои меҳнатӣ, харҷи даромадҳо, ҳифзи иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои манзил ва дигар самтҳои иҷтимоиёт маълумот ирсол намояд.

4.3. Мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабул кардани шартномаҳои коллективӣ дар ҳамаи корхона ва муассисаҳои зерсохтори Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» мусоидат намояд.

4.4. Ҳар моҳ корфармоён аъзоҳаққиро ба андозаи 1% аз музди меҳнати аъзоён ба мақомотҳои иттифоқи касаба тибқи Ойнномa мегузаронад.

4.5. Барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандон ва аъзои оилаи онҳо, гузаронидани чорабиниҳои маданӣ-оммавӣ ва варзишии кормандон ҳар моҳ ба андозаи 0,25% аз фонди музди меҳнат ба ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касаба ирсол намояд.

4.6. Ба кормандони озоди ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаи корхонаҳо ва муассисаҳо мукофотпулиро аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидории ҳармоҳа ва солона, изофапулӣ барои собиқаи корӣ мувофиқи

Низомнома ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ аз ҳисоби маблағҳои корхонаҳо ва муассисаҳо пардохт намояд.

**5. Иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ва ташкилотҳои ибтидоии он ӯҳдоранд:**

5.1. Дар амал татбиқ намудани қонун оид ба кортаъминкунӣ, пешниҳод кардани тадбирҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии шахсони аз кор озодшудаи корхона.

5.2. Дар таҳияи чорабиниҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии кормандон, муайян намудани меъёрҳои асосии сатҳи зиндагӣ, ҳаҷми ҷуброн бо назардошти тағйироти индекси нархҳо ширкат кунанд.

5.3. Риоя кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба меҳнатро назорат кунанд ва аз номи кормандон баромад намоянд.

5.4. Дар кори Шӯрои техникӣ-иқтисодии роҳи оҳан оид ба санҷиш ва қабули воситаҳои истеҳсолот ва иншооти истеҳсолотӣ иштирок намоянд.

5.5. Дар асоси ӯҳдадориҳои қабулшудаи шартномаҳои коллективӣ, ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарорҳои Корфармо, корхонаҳою муассисаҳое, ки ҳуқуқи манфиатҳои кормандон ва коллективҳои меҳнатиро поймол мекунанд, таклифҳо пешниҳод намоянд.

5.6. Аз вазъи шароити кор, муҳофизати меҳнат ва техникаи бехатарӣ дар корхона ва ташкилотҳои соҳа, риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ назорат баранд. Дар таҳия ва тасдиқи меъёрҳо, қоидаҳо ва низомномаҳое, ки Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» пешниҳод мекунад, иштирок намоянд.

5.7. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии кормандон ҷиҳати омӯзиши Кодекси амалкунандаи меҳнат, дигар асноди меъёрии ҳуқуқии шаҳрвандӣ ба аъзои иттифоқи касаба мунтазам кӯмак расонанд.

5.8. Дар давраи амали Созишнома Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон ба корпартоӣ аз ҷониби аъзои иттифоқи касаба ва дигар кормандони соҳа мавриди иҷрои ӯҳдадориҳои Созишнома роҳ намедиҳанд. Ҳангоми сар задани корпартоӣ масъулияти он мутобиқи қонунҳои амалкунанда муайян карда мешавад.

## 6. МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

6.1. Дар корхонаҳо ва муассисаҳои нақлиёти роҳи оҳан мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори мақомоти иттифоқи касаба ва корфармо шартномаи коллективӣ баста мешавад.

6.2. Шартномаи коллективӣ санади ҳуқуқӣ буда, муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатии байни кормандони корхона ё муассиса ва корфармоёнро муайян менамояд. Шартномаи коллективӣ набояд ба талаботи Созишномаи мазкур мухолифат намояд.

6.3. Корфармо барои шинос гардидани ашхоси ба кор қабулшуда бо мазмуни шартномаи коллективии амалкунандаи корхона шароит муҳайё менамояд.

6.4. Шартҳои дар қарордоди меҳнатии фардӣ оид ба шароити меҳнат набояд аз сатҳи талаботи Созишномаи мазкур, шартномаи коллективӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ пасттар бошанд.

6.5.Қабули кормандон ба кор ва муносибатҳои меҳнатии онҳо бо бастани шартномаи меҳнатӣ ба танзим дароварда мешавад.

## 7. ВАҚТИ КОРӢ

7.1. Реҷаи вақти корӣ дар муассиса, корхона ва ташкилотҳо мутобиқи ҷадвали корӣ, бо мувофиқаи Кумитаи иттифоқи касаба ва тавозуни вақти корӣ риоя карда мешавад.

7.2. Муҳлати вақти корӣ ва ҳаҷми пардохти иловагии ҳаққи меҳнат барои шароити хавфнок ва зараровари ҷойҳои кориро шартномаи коллективӣ муайян менамояд.

7.3. Масъалаи меҳнату истироҳати кормандон бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, Созишномаи мазкур ва шартномаҳои коллективии корхонаҳо ба танзим дароварда мешавад.

Давомнокии муътадили вақти корӣ дар КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва ташкилоту муассисаҳои зертобеи он дар як ҳафта набояд аз 40 соат зиёд бошад.

Давомнокии кӯтоҳи вақти корӣ на зиёда 35 соат дар як ҳафта барои кормандоне муқаррар карда мешавад, ки дар раванди меҳнат ба таъсири барои саломатӣ зарарноки омилҳои физикӣ, кимиёвӣ, биологӣ ва дигар омилҳои истеҳсолӣ дучор мешаванд.

7.4. Давомнокии вақти корӣ, аввалу охири вақти корӣ, тартиботи дохилии меҳнатии корхонаҳои роҳ ва ҷадвали бастҳои корӣ нишон дода мешавад.

Ҷадвали бастҳои корӣ аз тарафи Корфармоён бо мувофиқаи кумитаҳои иттифоқи касаба тасдиқ карда мешавад.

7.5. Танаффус барои қабули ғизо ба ҳамаи категорияҳои кормандон на камтар аз 1 соат ҷудо карда шуда, ба вақти корӣ дохил карда намешавад.

7.6. Барои кормандоне, ки дар корҳои шабонарӯзии қатънашаванда машғул мебошанд ва бинобар шароити истеҳсолот меъёри муқарраргаштаи вақти кори якрӯзаву якҳафтагӣ мушкил аст, маъмурияти корхона бо мувофиқаи кумитаи иттифоқи касаба вақти кории маҷмӯиро ба ҳисоб мегирад.

Ҷадвали вақти корию истироҳат на дертар аз 3 рӯз пеш аз ҷорӣ шуданаш ба кормандон эълон карда мешавад.

7.7. Аз рӯи зарурати истеҳсолӣ барои категорияҳои алоҳидаи Кормандон вақти корӣ дар мувофиқа бо кумитаи иттифоқи касаба ба қисмҳо, бо назардошти танафусҳо тақсим карда мешавад. Аммо дар баробари ин вақти корӣ аз меъёри муқарраршудаи вақти корӣ зиёд намешавад.

7.8. Дар ҳафтаи кории панҷрӯза ба кормандон ҳафтае ду рӯзи истироҳатии пайи ҳам дода мешавад.

Ҳангоми кори сменавӣ ба кормандон рухсатӣ (ду рӯз пайи ҳам) дар рӯзҳои гуногуни ҳафта дода мешавад.

7.9. Дар рӯзҳои истироҳатӣ кор бо розигии Корманд имконпазир мебошад, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар моддаи 87 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

7.10. Ба кор ҷалб намудани кормандон дар рӯзҳои истироҳат бо фармони маъмурият бо расмият дароварда мешавад.

Бо хоҳиши Корманд кори рӯзҳои истироҳатӣ бо пешкаш шудани рӯзи истироҳати иловагӣ ва ё бо маблағи пулӣ мувофиқи андозаи дар моддаи 154 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ҷуброн карда мешавад.

7.11. Кор дар рӯзҳои ид фақат дар истеҳсолоти ҷараёни силсилавии қатънашаванда имконпазир аст ва сари вақт дар аввали моҳ ба ҳисоб гирифта шуда, ба меъёри моҳонаи вақти корӣ дохил карда мешавад.

Корҳои таъхирнопазири таъмирӣ ва боркуниву борфурорӣ мувофиқи ҷадвал ва амрномаи тасдиқшудаи Корфармо дар рӯзҳои ид низ анҷом дода мешавад.

7.12. Ҷалб кардани кормандон ба изофакорӣ фақат бо розигии худи корманд ва кумитаи иттифоқи касабаи дахлдор ва бо назардошти моддаи 79 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон имконпазир аст.

## 8. ПАРДОХТИ ҲАҚҚИ МЕҲНАТ

8.1. Корфармо вобаста ба зарурати муқаррар кардани музди меҳнати арзанда ва одилона бо назардошти барқарорсозии нерӯи кории масрафшуда, махсусият ва моҳияти меҳнат, муфлисшавӣ, ҷуброни омилҳои зараровар ва ниҳоят хавфнок мустақилона сохтори музди меҳнатро муқаррар мекунад.

Пардохти музди меҳнат дар корхона ва муассисаҳои зертобеи корхона дар асоси Ҷадвали ягонаи тарифӣ (ҶЯТ) ба роҳ монда мешавад.

Музди меҳнат на дертар аз санаи 10-уми ҳар моҳи навбатӣ пардохт карда мешавад.

8.2. Дастурамал ё низомнома дар бораи музди меҳнат, мукофотпулиҳо, пардохт барои собиқаи кор дар корхона ва дигар намудҳои ҳавасмандкунии моддӣ аз ҷониби Корфармо таҳия карда шуда, мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда бо мақомоти иттифоқи касабаи муассиса мувофиқа карда мешаванд.

8.3. Ҷадвалҳои тафриқавии меъёрҳои тарифӣ оид ба намудҳои кор ва дараҷаҳо, музди меҳнат ба шартномаи коллективӣ замима карда мешаванд.

8.4. Афзоиши фонди музди меҳнати кормандон дар шартномаи коллективӣ бо назардошти тамоюли тағйирот дар теъдоди табақаҳои гуногуни кормандон муқаррар карда мешавад.

Фосилаи байни индексатсия ва дараҷаи он дар шартномаи коллективӣ танзим карда мешавад.

8.5.Барои корҳои вазнин, корҳо дар шароити меҳнати зарарнок ва махсусан зарарнок аз рӯи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, инчунин аз рӯи шартномаи меҳнатӣ, созишномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ музди меҳнати баланд муқаррар карда мешавад.

8.6. Пардохти изофакорӣ, кор дар рӯзҳои истироҳат ва ид ҳар соати кории зиёда аз вақти муқарраррӣ чунин пардохт карда мешавад:

- ба кормандони музди меҳнаташон корбайъ – на камтар аз нархномаи дукаратаи корбайъ;

-ба кормандон музди меҳнаташон вақтбайъ, инчунин ба онҳое, ки маоши вазифавӣ (мансабӣ) мегиранд – на камтар аз меъёри (маоши)дукаратаи соатбайъ.

8.7. Пардохти музди меҳнат барои бекорӣ ва муваққатан аз кор мондани истеҳсолот, ки ба он кормандон сабабгор нестанд (бо сабабҳои кам намудани ҳаҷми кор, ҳолатҳои номусоиди истеҳсолӣ, иқтисодӣ, технологӣ ва масъалаҳои ташкилӣ), дар мавриди муҳайё намудани шароит барои ба дигар кор гузаронидани кормандон, ба андозаи меъёри тарифӣ амалӣ карда мешавад.

8.8. Корфармо пардохти маблағҳои музди меҳнатро саривақт таъмин

менамояд.

Риоя накардани мухлат ва ҳаҷми пурраи пардохти музди меҳнат поймол намудани ҳуқуқҳои конститутсионии кормандон маҳсуб ёфта, Корфармо барои ин дар назди қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

8.9. Бо мақсади нигоҳ доштани фаъолияти мунтазами роҳи оҳан ба кормандони ба ҳаракати поездҳо алоқаманд ва кормандони ба ҳаракати поездҳо ғайриалоқаманд, аз он ҷумла кормандони муассисаҳои тиббӣ ва томактабӣ барои собиқаи корӣ ҳармоҳа мувофиқи Низомнома «Дар бораи пардохти мукофотпулӣ» мукофотпулӣ дода мешавад.

8.10. Дар шартномаи коллективии корхонаву муассисаҳое, ки парасторӣ мекунанд, аз рӯи натиҷаи фаъолияти солона пардохти мукофотпулӣ ба кормандони нигоҳдории тандурустӣ ва муассисаҳои томактабӣ пешбинӣ карда мешавад.

8.11. Изофапулии ҳармоҳа барои собиқаи корӣ дар нақлиёти роҳи оҳан ба кормандони ба ҳаракати поездҳо алоқаманд, ки ба боркуниву борфарорӣ, ба хизматрасонии мусофирон, таъмиру истифодабарии воситаҳои техникӣ машғул ҳастанд ва кормандони ба ҳаракати поездҳо ғайриалоқаманд, аз он ҷумла кормандони муассисаҳои тиббӣ ва томактабӣ барои собиқаи корӣ дар ҳисоби фоиз нисбат ба миқдори соатҳои тарифӣ (маоши моҳона) дар андозаҳои зайл пардохт карда мешавад:

| **Собиқаи бетанаффуси корӣ, дар нақлиёти роҳи оҳан** | **Ҳаҷми изофапулӣ бо %** |
|---|---|
| аз 1 сол то 3 сол | 5 |
| зиёда аз 3 сол то 5 сол | 10 |
| зиёда аз 5 сол то 10 сол | 15 |
| зиёда аз 10 сол то 20 сол | 20 |
| зиёда аз 20 сол то 25 сол | 25 |
| зиёда аз 25 сол | 30 |

8.12. Ба кормандони дигаре, ки фаъолияти асосии корхонаро таъмин менамоянд,мукофотпулӣ барои собиқаи корӣ дар нақлиёти роҳи оҳан пас аз се соли кори бетанаффус, мувофиқи Феҳрасти кор ва вазифаҳое, ки ҳуқуқи гирифтани мукофотпулиро барои собиқаи корӣ доранд, пардохт карда мешавад.

8.13. Фонди ҳавасмандкунии моддӣ мутобиқи нақшаи тасдиқшуда истифода карда шуда, ба баландбардории андозаи мукофотпулӣ, расонидани кӯмаки моддии якваќта, пардохти мукофотпулӣ оиди натиҷаҳои кори солона равона карда мешавад.

8.14. Бо дарназардошти натиҷаҳои фаъолияти солона, саҳми бевосита ва собиқаи кори бефосила дар корхонаҳо ва муассисаҳои КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» бо тариқи зайл мукофотпулӣ муқаррар мекунад:

- кормандони КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон», ки бевосита бо ҳаракати поездҳо, боркуниву борфарорӣ дар вагонҳо, хизматрасонӣ ба мусофирон, таъмиру истифодаи воситаҳои техникӣ машғуланд ва ҳамчунин шахсони дигаре, ки аз корхонаҳо ва муассисаҳои нақлиёти роҳи оҳан ба тариқи гузариш ба кор қабул карда шудаанд, вобаста ба собиқаи корӣ коэффитсиентҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- собиқаи кории аз 1 то 3 сол -0,8

- собиқаи кории зиёда аз 3 сол -1,0
- собиқаи кории зиёда аз 5 сол -1,5
- собиқаи кории зиёда аз 10 сол -1,8
- собиқаи кории зиёда аз 20 сол -2,0

- ба дигар кормандоне, ки ба фаъолияти асосии корхонаҳои нақлиёти роҳи оҳан машғуланд, вобаста ба собиқаи корӣ коэффитсиентҳои зерин муқаррар карда мешаванд:

- собиқаи кории аз 1 то 3 сол -0,6
- собиқаи кории зиёда аз 3 сол -0,8
- собиқаи кории зиёда аз 5 сол -1,0
- собиқаи кории зиёда аз 10 сол -1,3
- собиқаи кории зиёда аз 20 сол -1,5

Мувофиқи моддаи 145 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандоне, ки дар маҳаллу ноҳияҳои бо шароити махсуси табиию иқлимӣ ва маишӣ кор мекунанд, коэффитсиенти ноҳиявӣ ба андозаҳои зерин пардохта мешавад:

| №№ | Маҳал (ноҳия) | Коэффициент |
|---|---|---|
| 1. | Хушодӣ | 1,3 |
| 2. | Шаҳритӯс | 1,3 |
| 3. | Н.Хисрав | 1,3 |
| 4. | Олимтой | 1,3 |

## 9. РУХСАТИҲОИ МЕҲНАТӢ

9.1. Фосилаи рухсатии музднокии ҳарсола барои тамоми кормандони соҳа набояд камтар аз 24 рӯзи корӣ бошад. Фосилаи рухсатии иловагӣ барои шароити меҳнати зарарноку вазнин ва реҷаи кори бисёрбастӣ мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобӣ карда мешавад.

Ҳамасола рухсатиҳои давомнок ва иловагӣ ба тариқи зайл дода мешаванд:

- ба кормандони то 18-сола на камтар аз 30 рӯзи тақвимӣ ва дар вақтҳои ба онҳо мувофиқ;

- ба кормандоне, ки дар шароити зарарнок ва вазнини корӣ меҳнат мекунанд, на камтар аз 7 рӯзӣ тақвимӣ;

- ба кормандони корашон дорои шароити махсус, на камтар аз 3 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандоне, ки дар шароити мусоиди табиӣ - иқлимӣ кор мекунанд, рухсатии на камтар аз 8 рӯзи тақвимӣ;

- ба кормандоне, ки бо рӯзи кори бемеъёр меҳнат мекунанд, на камтар аз 10 рӯзи тақвимӣ;

Давомнокии аниқ ва шартҳои додани рухсатӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар асноди меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи коллективӣ муайян карда мешаванд.

9.2. Надодани рухсатии пайи ҳам дар ду сол, ҳамчунин надодани рухсатии ҳарсола ба кормандоне, ки дар шароити вазнину зарарнок меҳнат мекунанд,

хилофи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

9.3. Рухсатии меҳнатӣ бо пардохти ҷубронпулӣ иваз карда намешавад, бидуни мавриди аз кор озод кардани кормандоне, ки рухсатияшонро истифода набурда бошанд.

9.4. Пардохти рухсатии меҳнатии асосии ҳарсола ба кормандон аз музди миёнаи меҳнати моҳона таъмин карда мешавад. Пардохти рухсатӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи шартномаи коллективӣ на дертар аз як ҳафта то оғози он амалӣ мегардад.

9.5. Рухсатии меҳнатӣ мувофиқи аризаи кормандон ба соли дигар гузаронида мешавад, агар пардохти маблағҳои рухсатияш сари вақт иҷро нашуда бошад. Дар мавриди баланд гардидани меъёрҳои тарифӣ дар давраи рухсатии кормандон, пардохти ҳарсолаи рухсатӣ бо назардошти зиёдшавии меъёрҳои тарифӣ ба назар гирифта мешавад;

9.6. Рухсатиҳо мувофиқи ҷадвали тасдиқкардаи Корфармо, ки он бо мақомоти иттифоқи касабаи корхона ё муассиса мувофиқа карда шудааст, дода мешаванд ва дар ин маврид хусусиятҳои истеҳсолӣ ва дархости худи кормандон ба эътибор гирифта мешаванд.

Дар бораи додани рухсатии меҳнатӣ ба кормандон на камтар аз 15 рӯз пеш аз саршавии он хабар дода мешавад.

9.7. Ба Кормандон ҳамасола рухсатии меҳнатии асосӣ ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- ба Сардори роҳ – 35 рӯзи тақвимӣ;
- ба ҷонишини аввал ва ҷонишинони Сардори роҳ – 30 рӯзи тақвимӣ;
-ба сардорони хадамоти Раёсати роҳ,  сардорону ҷонишинҳои сардор корхонаву муассисаҳои ҳисоби хоҷагӣ-30 рӯзи тақвимӣ;
-ба сармуҳандисони хадамоти Раёсати роҳ ва сармуҳандисони корхонаву муассисаҳои ҳисоби хоҷагӣ-30 рӯзи тақвимӣ;
- ба сардорони шуъбаҳо ва мутахассисони Раёсат, корхонаву муассисаҳои роҳ – 28 рӯзи тақвимӣ;
- ба кормандони дигар – 25 рӯзи тақвимӣ;
- ба ҳамшираҳои тиббӣ, ки ба тарбияи кӯдакони то сесола машғуланд, мураббияҳои гурӯҳҳои ширхораи муассисаҳои таълимии томактабӣ – 42 рӯзи тақвимӣ муқаррар карда мешавад.

9.8. Ба кормандоне, ки дар шароити зараровару вазнин бо рӯзи кории кӯтоҳ кор мекунанд, мувофиқи рӯйхати истеҳсолот, сеххо, касбу вазифаҳо бо шароити истеҳсолии зараровар, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст, рухсатии меҳнатии иловагӣ дода мешавад.

9.9. Мувофиқи моддаи 95 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандоне, ки дар шароити махсуси табиию иқлимӣ кор мекунанд, рухсатии меҳнатии иловагӣ бо давомнокии на камтар аз 8 рӯзи тақвимӣ дода мешавад.

9.10. Ба кормандон, рухсатии пардохтшавандаи иловагии ҳарсола мутобиқи собиқаи кории умумии меҳнатӣ ба муҳлатҳои зайл дода мешавад:

| | |
|---|---|
| аз 5 то 10 сол | - 3 рӯзи тақвимӣ; |
| аз 10 то 15 сол | - 6рӯзи тақвимӣ; |
| зиёда 15 сол | -10 рӯзи тақвимӣ. |

Барои касбҳои коргарӣ аз рӯи собиқаи корӣ рухсатии меҳнатии пардохтшаванда:

| | |
|---|---|
| аз 3 то 5 сол | -1 рӯзи тақвимӣ; |
| аз 5 то 10 сол | -3 рӯзи тақвимӣ; |
| аз 10 то 15 сол | -5 рӯзи тақвимӣ; |
| зиёда аз 15 сол | -7 рӯзи тақвимӣ; |

## 10. БО КОР ТАЪМИНКУНӢ

10.1. Корфармоён ӯҳдадор мешаванд, ки ба ихтисоркунии аз нигоҳи иҷтимоӣ - иқтисодӣ беасоси кормандон роҳ надиҳанд. Тамоми масъалаҳои марбути барҳам хӯрдан, азнавташкилёбӣ, тағйироти шаклҳои моликият, ё бозистии муваққатӣ ва бекорхобии истеҳсолот, ки сабаби ихтисоршави ҷойҳои корӣ мегарданд, бо мақомоти иттифоқи касаба мувофиқа намоянд ва дар бораи он ба Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон иттилоъ диҳанд.

10.2. Корфармоён дар бораи ногузир будани барҳамхӯрӣ (азнавташкилшавӣ) ва тағйироти сохторӣ, ки ба бекормонии оммавии кормандон оварда мерасонад ва набудани имконият барои ба кор таъмин кардани онҳо дар дигар корхонаҳо бояд расман ба ташкилоти иттифоқи касаба иттилоъ диҳанд.

Корфармоён бояд се моҳ пештар дар ин бора мақомоти иттифоқи касаба ва кормандонро огоҳ намоянд.

10.3. Корфармоён ба кормандоне, ки дар бораи ихтисоршавӣ таъкиднома гирифтаанд, мутобиқи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ёфтани ҷои кор бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнат, вақти муайян пешниҳод намоянд.

10.4. Корфармоён ба кормандоне, ки аз ҷои кори пешина ихтисор шудаанд ва мувофиқи роҳхати мақомоти шуғли аҳолӣ курсҳои омӯзиши касбӣ мегузаранд, бояд музди миёнаи меҳнати ҷои кори пештараи онҳоро пардохт намоянд.

10.5. Корфармоён дар шартномаҳои коллективӣ барои маҳрум шудан аз ҷои кор дар натиҷаи бастани (барҳамхӯрии) корхона, ё қисман ихтисор шудани воҳидҳои корӣ ва ғайриимкон будани бо кор таъмин кардани кормандон мувофиқи ихтисосашон дар корхонаҳои худӣ, иловатан ба маблағҳои аз лиҳози қонун муайяншуда, ёрдампулиҳои якваќта медиҳанд.

10.6. Ба мақсади пешгирии аз кор озодшавии оммавии кормандон дар мавриди муваққатан маҳдуд кардани ҳаҷми истеҳсолот, корфармоён бо ризоияти мақомоти иттифоқи касаба тадбирҳои зеринро амалӣ мекунанд:

- кам кардани фосилаи вақти корӣ бе кам кардани теъдоди кормандон бо пардохти вақти корӣ, бе кам кардани теъдоди кормандон бо пардохти вақти бекористӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- муваққатан қатъ кардани қабули кормандони нав;
- додани рухсатиҳои бемузд (дар асоси аризаи шахсӣ);
- гузаронидан ба кор дар дигар зерсохтор ва ташкилотҳо бо ризоияти корманд.

10.7. Кормандоне, ки дар давраи тармим ё муваққатан кам кардани ҳаҷми кор дар дигар ташкилотҳо бо кор таъмин шудаанд, дар муддати 1 моҳи баъди кор ҳуқуқи афзалиятноки бо кор таъмин шуданро доранд.

10.8. Шартномаи коллективӣ дар тамоми давраи гузаронидани чорабиниҳо оид ба барҳам додани ташкилот мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амал

менамояд.

## 11. КАФОЛАТҲОИ ИҶТИМОӢ, ИМТИЁЗҲО ВА ҶУБРОНҲО

11.1. Корфармоён ба маъюбони меҳнат ва кормандоне, ки ба бемории касбӣ гирифторанд, аз ҳисоби маблағҳои корхона ва муассиса дар мавриди набудани имкони молиявии кормандон ба онҳо мутобиқи асноди тиббӣ арзиши миёнаи роҳхати табобатиро ҷуброн менамоянд.

11.2. Бо хоҳиши корманд корфармо уҳдадор аст, ки дар мавридҳои зерин ба корманд рухсатии кӯтоҳмуддати бо пардохти маош то 3 рӯзро диҳад:

- тӯйи корманд;
- тӯйи фарзандонаш;
- фавти ҳамсар ва аъзои оила (кӯдакон, волидайн, бародар, хоҳар, бобо, модаркалон).

Ҳангоми фавти корманд дар натиҷаи ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот, ба оилаи ӯ илова ба маблаҷе, ки барои шахсони дар таъминоти ӯ буда муқаррар шудааст, ба андозаи на камтар аз музди меҳнати шастмоҳаи фавтида кумакпулии яквақта дода мешавад.

Нафақае, ки бо сабаби фавти саробони оила таъин мегардад, ба ҳисоби ҷуброни зарар дохил намешавад (моддаи 343 КМ ҶТ).

11.4. Ҳаҷми маблағи барқарор намудани зарар дар сурати баландшавии арзиши зиндагӣ мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида, индексатсия карда мешавад. Бо зиёдшавии андозаи ҳадди ақали музди меҳнат бо тартиби мутамарказонидашуда, тамоми ҳаҷми барқарор намудани музди меҳнат мутаносибан бо баландшавии ҳадди ақали музди меҳнат зиёд карда мешавад.

11.5. Ҳангоми ба рухсатии меҳнатӣ баромадани корманд кӯмакпулии якбора дода мешавад.

Бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ кӯмакпулӣ дар ҳолатҳои зерин низ дода мешавад:

- ҳангоми гузаронидани ҷарроҳиву харидории дорувории қимматнок;
- ҳангоми бори аввал никоҳ бастани корманд ва фарзандонаш.

11.6. Ҳангоми бори аввал ба нафақа рафтан, қатъи назар аз синну сол, кӯмакпулии яквақта барои меҳнати софдилона дар нақлиёти роҳи оҳан ба андозаҳои зерин пардохта шавад:

| *барои мардҳо:* | *барои занҳо:* | |
|---|---|---|
| то 10 сол | - то 10 сол | - музди меҳнати якмоҳа; |
| аз 10 то 20 сол | - аз 10 то 15 сол | - музди меҳнати думоҳа; |
| аз 20 то 25 сол | - аз 15 то 20 сол | - музди меҳнати семоҳа; |
| аз 25 то 30 сол | - аз 20 то 25 сол | - музди меҳнати чормоҳа; |
| аз 30 то 35 сол | - аз 25 то 30 сол | - музди меҳнати панҷмоҳа. |

Ба кормандони бо нишони «Роҳиоҳанчии фахрӣ» ва ё «Нақлиётчии фахрӣ» сазоворшуда маблағи кӯмакпулӣ ба андозаи 50% зиёдтар пардохт карда мешавад.

Таъмини нафақаи касбӣ ба кормандони дорои шароити махсус тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ» амалӣ карда мешавад.

Мукофотпулии якбора аз рӯи музди меҳнат, ки тибқи тартиби муқарраршуда муайян карда мешавад, пардохта мешавад.

Ба кормандони озоди ташкилотҳои ибтидоии иттифоқи касабаи корхонаҳо ва муассисаҳо мукофотпулии якбора аз ҳисоби Корфармо пардохта мешавад.

11.7. Ба Кормандоне, ки ба синни 50 ва 60 солагӣ расидаанд, ба андозаи 100%-и як маош мукофотпулӣ пардохт карда мешавад.

11.8. Вобаста ба имкониятҳои молиявӣ-иктисодӣ барои фарзандони аз синни 1 то 12 солаи кормандон ҳар сол дар арафаи соли нав тӯҳфаҳои солинавӣ тақдим карда мешавад.

11.9. Корфармо ва корхонаҳои он харољоти ташкили маросими дафни кормандону нафақахӯрони фавтидаи роҳиоҳанчӣ (тобут, кандани қабр, нақлиёт) –ро бо ташкилу иштироки бевосита ва пардохти маблағи он ба зиммаи худ мегиранд.

Корфармоён ҳангоми рӯй додани ҳодисаҳои нохуш, фавти корманд ё хешовандони наздики вай (волидайн, ҳамсар ва фарзандон) ба андозаи 1000 сомонӣ кӯмаки моддӣ мерасонанд.

11.10. Фарзандони роҳиоҳанчиён ба бошишгоҳҳои кӯдаконаи тандурустии беруназшаҳрӣ аз ҳисоби маблағҳои зерин фиристода мешаванд:

- суғуртаи иҷтимоӣ;
- аъзоҳақии волидайн.

Бурдан ва овардани кӯдакон бамаҳалли истироҳат бо воситаҳои техникӣ ва аз ҳисоби Корфармо пардохта мешавад.

11.11. Корфармо ҳамасола барои истироҳати кормандон ва аъзоёни оилаи онҳо, инчунин нафақахӯрони аз корхона ба нафақа баромада дар фароғатгоҳи «Роҳиоҳанчиён» аз воситаҳои пулии худ ба маблағи 130000 сомонӣ роҳхатҳо ҷудо менамояд.

Корфармо барои истироҳати кормандон ва аъзоёни оилаи онҳо, инчунин нафақахӯрони аз корхона ба нафақа баромада дар осоишгоҳҳо аз воситаҳои пулии худ роҳхатҳо ҷудо менамояд.

Барои солимгардонии фарзандони роҳиоҳанчиён дар бошишгоҳҳои тандурустии кӯдакона ҳар сол аз ҳисоби худ ба андозаи 60 (шаст) ҳазор сомонӣ воситаҳои пулӣ ҷудо менамояд.

11.12. Таъмин намудани кормандон бо роҳхатҳо ба осоишгоҳҳою фароғатгоҳҳо ва лагерҳои тобистона бо маблағҳои ҷудокардаи КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва маблағҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ барои табобати санаторию курортӣ, ташкили истироҳати кормандон ва аъзои оилаи онҳо ва чорабиниҳои солимгардонию пешгирикунанда дар корхона ба андозаи 1,4 фоизи маблағи андози иҷтимоӣ тавассути Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон сурат мегирад.

11.13. Роҳхатҳо ба санаторияҳо, курортҳо, истироҳатгоҳҳо, лагерҳои тобистонаи кӯдакона ва муассисаҳои солимгардонию пешгирикунанда аз ҷониби Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида аз мақомоти ваколатдор оид ба паҳн гардидани онҳо харидорӣ карда мешаванд.

11.14. Барои хизматҳои шоиста дар тараққиёти нақлиёти роҳи роҳи оҳан, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, таъмини бехатарии ҳаракат, Кормандон метавонанд бо нишони «Роҳиоҳанчии фахрӣ» мувофиқи Низомнома дар бораи «Роҳиоҳанчии фахрӣ» сарфароз гардонида шаванд.

Мукофотонидан бо нишони «Роҳиоҳанчии фахрӣ» мувофиқи Низомнома дар бораи «Роҳиоҳанчии фахрӣ» аз ҳисоби воситаҳои Корфармо сурат мегирад.

11.15. Ҳангоми фавти корманд кӯдакони хурдсоли вай дар муассисаҳои томактабии роҳи оҳан бо андозаи ҳаққи волидайни барои кормандон муқарраршуда нигоҳубин карда мешаванд.

11.16. Хароҷотҳои сафарҳои хизматии иштирокчиёни конференсияҳою семинарҳои иттифоқи касаба ва чорабиниҳои оммавӣ-варзиширо пардохт менамояд.

11.17.Кормандон ва роҳбарияти корхонаҳо ва муассисаҳои роҳи оҳанро барои таъмини бехатарии поездҳо ва рафтуомад ба ҷои истиқомат бо билети шакли №4 таъмин менамояд.

## 12. МУҲОФИЗАТИ МЕҲНАТ

12.1.Дар тамоми корхонаҳо,муассисаҳо ва ташкилотҳои нақлиёти роҳи оҳан бояд шароити мусоиди бехатарии меҳнат муҳайё карда шавад.

Таъмини бехатарии шароити меҳнат ба зиммаи Корфармо гузошта мешавад.

КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» бо иштироки Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон сиёсати молиявию техникиро оид ба ташаккули бехатарии солими меҳнат дар ташкилоту корхонаи соҳавӣ мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронад.

12.2. Назорат оид ба таъмини шароити бехатару мусоиди меҳнат, ҳолати хуби муҳити истеҳсолӣ ва табиӣ аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бозрасиҳои техникии иттифоқҳои касаба ва КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» дар асоси Низомномаи амалкунанда ба амал бароварда мешавад.

Барои гузаронидани чорабиниҳо оид ба муҳофизати меҳнат Корфармо бояд маблағҳои зарурӣ ҷудо намояд. Истифодаи онҳо ба дигар мақсад манъ аст.

Иттифоқи касаба истифодабарии маблағҳои барои муҳофизати меҳнат ҷудошударо назорат мекунад.

12.3. Кормандон аз ҳисоби маблағҳои Корфармо пешакӣ, то ба кор қабул шуданашон мутобиқи муқаррароти меъёрҳои давлатии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз назорати тиббӣ мегузаранд.

12.4. Корфармо аз ҳисоби маблағҳои корхона бо кормандони суғурташудаи дар корҳои дараҷаи хатарнокиашон баландбуда, барои ҳодисаҳои нохуш ва касалиҳои касбӣ дар истеҳсолот мувофиқи шартномаи коллективӣ муқаррарнамуда, шартномаи иловагӣ мебандад.

12.5. Дар корҳои шароити хатарнокдошта ва корҳое, ки дар шароити махсус иҷро мегарданд, ба кормандон ба таври ройгон мувофиқи меъёри муқаррargardида либосҳои махсус, пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои муҳофизати инфиродӣ дода мешаванд.

12.6. Корфармо дар корҳои шароити хатарнокдошта ба кормандон тибқи меъёри муқарраршуда маводи алоҳидаи озуқавориро ройгон медиҳад.

12.7. Барои корҳое, ки дар муҳити зараровар анҷом дода мешаванд, ба кормандон дар асоси меъёри муқарраршуда воситаҳои тозакунии либосҳои корӣ ва шустушӯӣ ройгон дода мешаванд.

12.8. Корфармо ҷиҳати беҳтар намудани шароити кор бо иштироки

намояндаи иттифоқи касаба тибқи муҳлати муқарраршудаи шартномаи коллективӣ озмуни (аттестатсия ва сертификатсияи) ҷойҳои кориро мегузаронад.

12.9. Корфармо дар ҳамдастӣ бо мақомоти иттифоқи касаба омӯзиш ва санҷиши(аттестатсия) кормандонро оид ба муҳофизати меҳнат мегузаронад.

12.10. Корфармо мутобиқи муқаррароти Низомнома дар бораи санҷиш ва баҳисобгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ба Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон дар бораи ҳар як ҳодисаи нохуш ва фавт ахборот медиҳад.

12.11. Корфармо ҳангоми ба кор даровардану истифода намудани иншооти наву таҷдидёфтаи истеҳсолӣ дар ҳайати комиссияи қабул ширкати нозири муҳофизати меҳнатро таъмин мекунад.

12.12. Бо мақсади фароҳам овардани шароитҳои солим ва бехатари меҳнат барои кормандон, риояи талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқиро, ки меъёрҳои қонунҳои меҳнатиро дар бар мегирад, таъмин мекунад.

Дар доираи қонунгузории ҷорӣ шаффофияти иттилоотро оид ба ҳифзи меҳнат ва муҳити зист таъмин менамояд.

12.13. Бо тартиби муқарраршуда пурра аз ҳисоби Корфармо муоинаи пешакии ҳатмӣ (ҳангоми ба кор қабул шудан) ва муоинаи давравии тиббӣ (ташхис), инчунин муоинаи (ташхиси) ғайринавбатии кормандон тибқи тавсияҳои муассисаҳои тиббӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

12.14. Гузаронидани марҳилавии баҳодиҳии махсуси шароити кориро дар ҷойҳои корӣ ташкил мекунад ва дар асоси он нақшаи чорабиниҳоро оид ба фароҳам ва беҳтар намудани шароити меҳнат таҳия ва амалӣ менамояд. Ҳангоми тағйир ёфтани шароити меҳнат баҳодиҳии махсуси ғайринавбатии шароити меҳнатро дар ҷои кор мегузаронад.

Ба комиссия барои баҳодиҳии махсуси шароити меҳнат дар ҷойҳои корӣ намояндаи мақомоти интихобшудаи ташкилоти дахлдори ибтидоии иттифоқи касаба дохил карда мешавад.

12.15. Мутобиқати шароити меҳнатроо дар ҳама ҷойҳои корӣ мувофиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи меҳнат таъмин менамояд.

## 13. КАФОЛАТИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ИТТИФОҚИ КАСАБА ВА КОРМАНДОН

13.1. Корфармоён ва ашхоси соҳибмансаб вазифадоранд, ки талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ва кафолатҳои фаъолияти онҳо», Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созишномаи мазкурро риоя намоянд.

13.2. Иттифоқи касаба ҳуқуқи аъзои худро ба меҳнат ҳифз намуда, иҷрои қонунро дар бораи шуғл назорат карда, дар бораи ҳифзи иҷтимоии аз кор озодшудагон, мутобиқи қонунгузории меҳнат тадбирҳоро пешниҳод ва амалӣ менамояд.

13.3. Корфармо, мақомоти давлатӣ, хоҷагӣ ва кооперативӣ, мақомоти ҷамъиятию ташкилотӣ, инчунин соҳибкорон, ашхоси соҳибмартаба вазифадоранд, ки ҳуқуқи иттифоқи касабаро ҳимоя намуда, бо онҳо ҳамкорӣ намоянд. Мақомоти мазкур ва ашхоси соҳибмансаб барои поймол кардани

ҳуқуқи иттифоқҳои касаба ё мамоният ба фаъолияти онҳо дар назди қонун ҷавобгаранд.

13.4. Корфармоён:

- ба фаъолияти иттифоқи касаба мудохила намекунанд, дар бораи маҳдуд намудани ҳуқуқ ва фаъолияти онҳо фармон намедиҳанд, барои онҳо ба таври ройгон утоқи корӣ ҷудо намуда, ҷиҳози корӣ медиҳанд, бинои онҳо ва воситаҳои техникиашонро таъмир менамоянд;

- аъзои мақомоти иттифоқҳои касабаро аз корҳои асосӣ озод намуда, имкон медиҳанд, ки онҳо дар анҷуман, конференсияҳои иттифоқҳои касаба ширкат намоянд ва дар мақомоти интихобӣ, инчунин дар семинар-машваратҳо вадарсҳои кӯтоҳмуддати иттифоқи касаба бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнаташон иштирок кунанд;

-имтиёзҳои иҷтимоӣ ва кафолатҳои мукофотпулиҳо ва ҳавасмандкуниҳоро барои кормандони иттифоқи касаба, ки аз кор озоданд, нигоҳ доранд (тартиби пешниҳоди имтиёз ва пардохти он дар шартномаҳои коллективӣ муайян карда мешавад);

13.5. Усули пардохти ҳаққи узвияти кормандони аъзои иттифоқи касаба тибқи тартиботи амалкунанда нигоҳ дошта шуда, он аз маоши аъзоёни иттифоқи касаба тариқи ғайринақдӣ гирифта шуда, ба суратҳисоби мақомоти иттифоқи касаба тибқи ойинномаи ташкилоти иттифоқи касаба бе мамоният гузаронида мешавад.

13.6. Музди меҳнати аъзои мақомоти иттифоқи касабаи аз кор озод, ҳангоми ба охир расидани ваколаташон, дар сурати бо кори пештараи истеҳсолӣ таъмин нашудани онҳо ба муҳлати на зиёда аз 6 моҳ ба кор дигар шуруъ накардани онҳо нигоҳ дошта мешавад.

Нисбат ба кормандоне, ки аъзои мақомоти иттифоқи касабаанд, раво дидани ҷазоҳои маъмурӣ, ба кори дигар гузаронидан ва аз кор озод кардани онҳо бе розигии мақомоти иттифоқи касаба имконнопазир мебошад.

## 14. НАЗОРАТ ВА МАСЪУЛИЯТ ДАР БОРАИ ИҶРОИ СОЗИШНОМА

14.1. Иҷрои шартҳои Созишнома, инчунин бастани шартномаи коллективӣ ва қарордоди меҳнатӣ аз тарафи КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон назорат карда мешавад.

14.2. КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон дар муҳлати як моҳ, пас аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи мазкур онро ба корфармоён ва кумитаҳои иттифоқи касабаи ташкилотҳои ба онҳо тобеъ пешниҳод мекунанд.

14.3. Назорат оид ба иҷрои Созишномаи соҳавӣ мувофиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи комиссия амалӣ карда мешавад.

14.4. Дар ҳолати иҷро нагардидани талаботи Созишномаи соҳавӣ ва шартномаҳои коллективӣ аз ҷониби корфармоён тибқи муқаррароти қонун шартномаи меҳнатӣ бекор карда мешавад.

## 15. ҚИСМИ ХОТИМАВӢ

15.1. Созишномаи соҳавии мазкур дар се нусха тартиб дода шудааст, ки ҳар яки он қувваи ҳуқуқии баробар дошта, аз рӯзи ба имзо расиданаш то 31 декабри соли 2022 амал мекунад.

15.2. Тарафҳои Созишнома маълумотро оид ба шарикии иҷтимоӣ тавассути ҳафтаномаи «Нақлиёт» ва ҷой намудан дар сайтҳои интернетии худ ба самъ мерасонанд.

| | |
|---|---|
| **Сардори Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон»** | **Раиси Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон** |
| __________ К. Мирзоалӣ | __________ З. Ҳамидов |
| «31» ____12____ соли 2019 | «31» ____12____ соли 2019 |

Ҳайати комиссия:

**аз ҷониби Корфармо:**

| | |
|---|---|
| Муовини Сардори роҳ | У. Қаландаров |
| Сардори Хадамоти молиявӣ-иқтисодӣ | С. Раҳимов |
| Сардори Хадамоти ҳуқуқӣ | О. Худоёров |
| Сардори Хадамоти кадрӣ | А. Ҳикматов |
| Сардори Хадамоти бехатарии ҳаракати поездҳо | Б. Ахметов |
| Сардори Хадамоти ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ | А. Нозимов |
| Сардори шуъбаи иқтисодии НФЭ | А. Асфияев |

**аз ҷониби Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон (бо пешниҳод):**

| | |
|---|---|
| Раиси Кумита | З. Ҳамидов |
| Мудири шуъбаи ташкилӣ | Н. Худойқулова |
| Нозири ҳуқуқӣ | Н. Қурбоназаров |
| Раиси Кумитаи иттифоқи касабаи «Қитъаи Суғдии роҳ» | А. Дадобоев |
| Раиси Кумитаи иттифоқи касабаи КВ «Қитъаи таъминоти барқ» | Ш. Додоева |
| Раиси Кумитаи иттифоқи касабаи КФ «Қитъаоти Қурғонтеппагии роҳ» | Ҷ. Азимов |
| Раиси Кумитаи иттифоқи касабаи КВ «Қитаъоти Душанбегии роҳ» | Ҷ. Аллаев |

Ҷумҳурии Тоҷикистон
Вазорати нақлиёт
КВД «РОҲИ ОҲАНИ ТОҶИКИСТОН»

734012, ш.Душанбе, кӯчаи Назаршоев, 35 тел: 221-83-34, факс: 221-73-03, e-mail: 17081994 @inbox. ru

# ФАРМОИШИ №116

аз «02» 07 соли 2019 ш. Душанбе

**Дар бораи таъсис додани комиссияи соҳавӣ доир ба танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ**

Бо мақсади таъмини танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ, гузаронидани гуфтушунидҳои коллективона, таҳия ва қабули Созишномаи соҳавии нақлиёти роҳи оҳан ва Созишномаи соҳавӣ оид ба муассисаҳои томактабии КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» барои солҳои 2020-2022 ва ташкили назорат аз болои иҷрои он дар ҳайати зерин комиссияи кории муштараки таъсис дода шавад:

1).

Аз ҷониби Корфармо:
1. Қаландаров У.Ҳ. – муовини сардори роҳ
2. Раҳимов С. Ҳ.– сардори хадамоти молиявӣ-иқтисодӣ
3. Худоёров О.Ф.– сардори хадамоти ҳуқуқӣ
4. Ҳикматов А.Н. – сардори хадамоти кадрӣ
5. Ахметов Б.Х. – сардори хадамоти бехатарии ҳаракати поездҳо
6. Нозимов А.Т. – сардори хадамоти ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ
7. Асфияев А. М. – сардори шуъбаи иқтисодии НФЭ

Аз ҷониби Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистон (бо пешниҳод):
1. Ҳамидов З.Т. – раиси Кумита
2. Худойқулова Н.А. – мудири шуъбаи ташкилӣ
3. Қурбоназаров Н.Ч. – нозири ҳуқуқӣ
4. Дадобоев А.Д.– раиси Кумитаи иттифоқи касабаи КДФ «Қитъаи Суғдии роҳ»
5. Додоева Ш.С. – раиси Кумитаи иттифоқи касабаи КВ «Қитъаи таъминоти барқ»

6. Азимов Ҷ.М. – раиси Кумитаи иттифоқи касабаи КФ «Қитъаоти Хатлонии роҳ»
7. Аллаев Ҷ.А. - раиси Кумитаи иттифоқи касабаи КВ «Қитъаоти Душанбегии роҳ».

2). Комиссияи корӣ вазифадор карда мешавад, ки то санаи 01 августи соли 2019 лоиҳаи Созишномаи соҳавии нақлиёти роҳи оҳан барои солҳои 2020-2022 ва Созишномаи соҳавии муассисаҳои томактабии КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» барои солҳои 2020-2022 байни КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Тоҷикистонро таҳия намуда, барои муҳокима пешниҳод намояд.

III. Назоратро аз болои иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи худ мегирам.

Сардор К. Мирзоалӣ

Замимаи № 2
ба Дастурамали тартиби бақайдгирии огоҳонии созишномаҳои соҳавӣ, минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.09.2010, №588 ба қайд гирифта шудааст.

# САНАДИ БАҚАЙДГИРИИ
огоҳонии созишномаҳои соҳавӣ,
минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ

Дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаҳои соҳавии нақлиёти роҳи оҳан байни Корхонаи воҳиди давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон" ва Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи роҳиоҳанчиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022 ба қайд гирифта шуд.

**Рақами қайд 79 аз 08 январи соли 2020**

Шарҳ ё тавсияи мақомоти бақайдгирӣ:

Ҳангоми ба созишнома ва шартномаи коллективӣ дар давраи амали он тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд ё мӯҳлаташ тамдид шавад, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали амалкунандаи мазкур аз нав дар мақомоти бақайдгирӣ сабти ном карда мешавад.

---

Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон — С. Тағойзода